№7529/11.1-д аз 20.05.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати рафти татбиқи дурусти муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи талаботҳои Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва назорати тақсим ва истифодаи дурусти варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти андоз нишон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нокифоя ба роҳ монда шудааст.

Санҷишҳои гузаронидашуда нишон дод, ки аз ҷониби баъзе нозирони мақомоти андоз нисбати варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ беаҳмиятӣ зоҳир гардида, варақаҳои мазкурро ғайримақсаднок истифода менамоянд, ки боиси гум ва ё вайрон гардидани варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки баъзе протокол ва қарорҳое, ки гум шудаанд ба шахсоне тааллуқ доранд, ки ё ба дигар нозирот ба кор гузаштаанд ва ё тамоман аз мақомоти андоз рафтаанд. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон ҳангоми рафтан аз кор дуруст ба роҳ монда нашудааст. Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ҳангоми аз кор рафтани корманд бо ӯ ҳисоббаробаркунӣ намуда, ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба нозир тааллуқдоштаро бо санади дахлдор аз ӯ гирифта, ба шахси онро ивазкунанда супоранд.

Ҳамзамон, дар аксари ҳолатҳо аз ҷониби баъзе кормандони мақомоти андоз тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

пешбинӣ шудааст, риоя нагардида, нисбати варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хунукназарона рафтор карда мешавад. Масалан, аз ҷониби баъзе нозирон новобаста аз ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протокол тартиб дода нашудааст ва ё протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пур карда шуда, навобаста аз гузаштани мӯҳлатҳои зиёд парванда баррасӣ нагардида, қарори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ холи мондааст.

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи моддаи 84 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсони мансабдори мақомоти андозро зарур аст, ки ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкунӣ фавран баъди ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳангоми зарурати ба таври иловагӣ муайян кардани ҳолатҳои парванда ё маълумот дар бораи шахсони воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз мегардад, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ на дертар аз се шабонарӯзи баъди ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб диҳанд. Ҳамзамон, мутобиқи муқаррароти моддаи 136 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мӯҳлати баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯзи ошкор намудани ҳуқуқвайронкунӣ 20 шабонарӯз буда, шахси мутасаддиро зарур аст, ки дар мӯҳлати муайяннамудаи қонун парвандаро баррасӣ намуда, аз натиҷаи он қарори қонунӣ қабул намояд. Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ парвандаро баррасӣ намуда, қарори дахлдор ва қонунӣ қабул намоянд.

Ҳолати дигари ташвишовар дар мақомоти ҳудудии андоз аз ҷониби нозирон дуруст татбиқ накардани моддаҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ буда, дар аксари ҳолатҳо ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда риоя нагардидани талаботи моддаи 615 “Риоя накардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, терминалҳои электронӣ ва баҳисобгирии хазина” ба ҳуқуқвайронкунанда бо моддаи 614 “Таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ” (ба ҷои аз 180 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз 40 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) ҷарима таъин карда шудааст, ҳол он ки дар баёноташ ҳуқуқвайронкунанда истифода набурдани мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро тасдиқ намудааст.

Инчунин, аксари нозирон ҳангоми тартиб додани протокол ҳуқуқвайронкунандаро ҳамчун шахси мансабдор нишон дода, **(ҷаримаи нисбатан кам дорад)** ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидаанд, ҳол он ки ҳуқуқвайронкунанда соҳибкори инфиродӣ аст ва ё ба ҳайси корманди Ҷамъият фаъолият менамояд. Тибқи талаботи қонунгузорӣ соҳибкори инфиродиро ҳамчун шахси мансабдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан мумкин набуда, асос барои аз ҷониби прокуратура овардани эътироз ва ё бекор шудани қарорҳои мазкур мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси талаботи қисми 2 моддаи 31 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои кирдори (амал ё беамалии) шахси воқеие, ки ҳамчун намояндаи (узв, роҳбари) шахси ҳуқуқӣ фаъолият

менамоянд ва кирдори ғайриқонуниро ба манфиати шахси ҳуқуқӣ содир кардаанд, шахси ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Дар баробари ин, ҳолатҳое ба назар мерасад, ки дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баёнот ва имзои ҳуқуқвайронкунанда гирифта нашудааст ва ё сабти дахлдор қайд карда нашудааст, ҳамчунин баъди баррасии парванда қарори ҳуқуқвйронкунии маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкунанда дастрас нагардидааст, ки ҳолатҳои мазкур дар оянда рӯёниши маблағи ҷаримаи маъмурии таъингардидаро душвор намуда, боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои беасос ва норозигии андозсупоранда, инчунин давра ба давра афзоиш ёфтани бақияи ҷаримаҳои маъмурӣ гардида истодааст.

Дар ин замина, ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки дар асоси талаботи қисми 4 моддаи 79 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ – ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдор, ки онро тартиб додааст, инчунин шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ҳимоятгар, шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд) имзо мегузоранд. Агар чунин шахсон аз имзо кардани протокол (ва ё додани баёнот) саркашӣ намоянд, доир ба ин ҳолат дар протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ки протоколро барои шиносшавӣ пешниҳод намудааст, сабти дахлдор (санад) ворид карда мешавад (тартиб дода мешавад).

Аз ин лиҳоз, аз мақомоти ҳудудии андоз талаб карда мешавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амал намуда, талаботҳои дар боло зикргардидаро риоя намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳолати дигари ташвишовар ин бақияи ҷаримаи маъмурӣ мебошад, ки баъзе аз нозирон баъди таъини ҷаримаи маъмурӣ оиди рӯёниши он чораҷӯӣ накарда, муҳлатҳои зиёд ҷарима нарӯёнида боқӣ мемонад. Новобаста аз мавҷуд будани бақияи ҷаримаҳои зиёд дар мақомоти ҳудудии андоз, парвандаҳо ҷиҳати рӯёнидани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба Иҷрочиёни Хадамоти иҷро ирсол карда нашудааст.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҳамкориро бо Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар маҳалли худ дуруст ба роҳ монда, ҳангоми мустақилона ва сари вақт иҷро накардани қарори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда қарори мазкурро барои иҷрои маҷбурӣ ба Иҷрочиёни Хадамоти иҷро ирсол намоянд.

Дар баробари ин, таҳлили барномаи компютерии СИА “Назорати баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ” нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз парвандаҳи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пурра ба барномаи мазкур ворид карда намешавад, ки ҳолати мазкур назорати дурустии истифода ва баррасии варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро душвор ва ҷамъбасти ҳисобот дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ошкоргардидаро ғайриимкон месозад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии баррасигардидаро пурра ва сари вақт дар моҳи ҳисоботӣ ба барномаи компютерии СИА “Назорати баҳсҳои андозӣ дар судҳо ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ” ворид намоянд.

Ҳамзамон, аз мақомоти ҳудудии андоз талаб карда мешавад, ки минбаъд ҳангоми гирифтани варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз Нозирот боваринома ва санади хароҷотӣ протоколҳои истифодашударо бо муҳру имзои роҳбар ҷиҳати мувофиқа бо Раёсати таъмини ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

Бо назардошти камбудиву норасоиҳои дар ин самт ҷойдошта сардорони раёсатҳо ва нозиротҳои андоз бори дигар таъкид ва вазифадор карда мешаванд, ки камбудиҳои зикргардидаро ислоҳ намуда, тартиби барасмиятдарорӣ ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда, оиди рӯёнидани ҷаримаҳои маъмурии таъингардида ҷорачӯӣ намоянд.

Мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дастури мазкурро дар ҷаласаҳои корӣ мавриди баррасӣ ва иҷроиш қарор диҳанд. Иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботҳои мазкур, барои татбиқи чораҳои қатъии интизомӣ нисбати сардорони раёсатҳо, нозиротҳои андоз ва дигар шахсони масъули Нозирот шуда метавонад.

Раис Н. Давлатзода